# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Рустами Абдуҷаббор** дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии **Рустами** Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи унвонҷӯ яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он нақши хонавода ҳамчун институти тарбия ба таври назариявӣ омӯхта шудааст ва дар заминаи таҳқиқот мушкилоти раванди тарбияи хонаводагии иқтисодии наврасон дар замони иқтисоди бозорӣ муайян ва нишон дода шудааст.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Рустами Абдуҷаббор, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи амсилаи озмоишӣ ва шароити педагогии пешниҳоднамударо дар омӯзиш ва нишон додани нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад, тасдиқ намуданд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст.

Бо дарназардошти ин довталаби дараҷаи илмӣ модели раванди тарбияи иқтисодӣ ва ташаккули сифатҳои салоҳиятҳои иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ ва нақши фарҳанги хонаводаро дар тарбияи наврасон таҳия ва пешниҳод намудааст, ки яке аз дастовардҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шудаи, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ нақши хонавода дар тарбияи иқтисодии насли наврас ва ташаккули меъёрҳо ва сифатҳои ахлоқиву иқтисодӣ дар замони иқтисоди бозориро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар қатори бартариятҳои зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳои техникиро низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Ба назари мо эродҳои дар ин ҷо баррасишуда, на он қадар ҷиддӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори илмии мазкур таъсири манфӣ надоранд.

Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Рустами Абдуҷабборро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқикотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи ичрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон додааст.

Диссертатсияи Рустами Абдуҷаббор дар мавзуи «Фарҳанги хонавода ва тарбияи иқтисодии наврасон дар шароити иқтисоди бозорӣ» ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 и 16 "Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Рустами Абдуҷаббор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
тасилоти томактабӣ ва кори ичтимоии
факултети омузгорӣ ва фарҳангӣ
ДДК ба номи Абуабдуллохи Рӯдакӣ                Иззатова М.И.

**Маълумот барои тамос:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16, 1;
Тел.+992 (992-33.22) 2.35.06,

Почтаи электронӣ: E/mail: -

28.10.2023

"Имзои Иззатова Муҳаббат Иноятовнаро тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ                Ф.Амиров

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС